Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Зарифзода Зоир Кулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Ҷиҳати ноил гаштан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ соҳаи кишоварзӣ мавқеъи афзалиятнокро ишғол менамояд, зеро таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ барои Тоҷикистон яке масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар шароити ноороми҆ҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир ин муаммо боз ҳам ҳалталабу рузмаратар гашта истодааст.

Гуфтаҳои боло азнавсозии куллии кишоварзӣ ва тамоми комплекси агросаноатиро талаб мекунанд, то ки масъалаҳои бо ғалла, гушт, шир ва маҳсулоти дигари ҳаётан зарӯр таъмин намудани аҳолӣ ба мақсади баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии меҳнаткашон ҳақиқатан ҳал карда шаванд. Хусусиятҳои амнияти озуқавориро ба назар гирифта, онро бо ду роҳ ҳал кардан мумкин аст: а) бо роҳи ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва роҳҳои нави нигоҳ доштани афзоиши доимии истеҳсолоти кишоварзӣ ва б) бо роҳи ба кор бурдани усулҳои реалии танзими афзоиши аҳолӣ. Дар назар доштан лозим аст, ки сарфи назар аз ҷорӣ намудани навигариҳои ташкилӣ, техникӣ ва технологӣ дар зироаткорӣ ва чорводорӣ, таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо озуқавории худӣ дар шароити нарасидани замин ҳануз ғайриканоатбахш давом дорад. Бар замми ин мушкилоти нарасидани маводи озуқавории истеҳсоли ватанӣ, ки дар натиҷаи афзоиши баланди аҳолӣ нисбат ба суръати афзоиши истеҳсоли озуқа ва маҳдуд будани захираҳо масъаларо боз ҳам мушкил месозад.. Масалан, таҳлили ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар давраи солҳои 1991-2022 нишон дод, ки майдони чунин заминҳо 18,1 фоиз кам гашта, аҳолии Тоҷикистон 183 фоиз афзуд. Танҳо ҳамин раванд кифоя аст, ки масъалаи бозори озуқаворӣ зери таҳлил ва омӯзиши доимӣ қарор дода шавад.

Аз ин лиҳоз, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди комплекси агросаноатӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқавории кишвар аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккул ва фаъолияти бозорҳои озуқаворӣ дар Тоҷикистон дар шароити норасоии заминҳои кишоварзӣ ҳамчун муаммои аввалиндараҷа маҳсуб шуда , ҳоло ҳам нисбати он таҳқиқоти қавӣ ва пурра таҳия нашудааст, ки интихоби мавзӯи кори диссертатсиониро муайян кардааст.

Масъалае ки барои таҳқиқот интихоб гаштааст, дар ҳамин шабу рӯз яке аз масъалаҳои рузмарратарини ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ҷаҳонишавии ҷомеа ба сатҳи баланди худ расида, айни замон равандҳои

ғайриҷаҳонишавӣ (деглобализатсия) мушоҳида мегарданд. Мамлакатҳои пуриқтидор ба ягон қонуниятҳои иқтисодии рушди ҷомеа итоат накарда, барои ҳифзи манфиатҳои худ аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд. Дар натиҷа кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда ва рӯ батараққӣ ба бӯҳрони шадиди иқтисодию молиявӣ ва норасоии маводи хӯрока рӯ ба рӯ гашта истодаанд. Вобаста ба ин таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз, на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои тамоми кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Бӯҳрони молиявию иқтисодие, ки солҳои 2008-2009 сар зада буд, аз шакл ба шакл гузашта, ба бӯҳрони озуқаворӣ мубадал гаштааст. Айни замон мувофиқи маълумотҳои Созмони байналмиллалии озуқа дар курраи замин охири соли 2021 828 млн нафар гуруснагӣ кашида, беш аз 2,3 млрд одам дар ҳолати норасоии ғизо умр ба сар мебарад ва ин рақам сол аз сол зиёд шуда истодааст.

Ҷиҳати зери таҳлили илмӣ қарор додани ин муаммо, унвонҷуй дар назди худ мақсад гузошт, ки асосҳои назариявию методологии таъмину танзими бозори озуқавориро зери омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар ин асос таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок доир ба фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди он дар бахши кишоварзии Тоҷикистон таҳия намояд.

Дар доираи ин мақсад муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳои гузошт: омӯзиши асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои ташаккул ва рушди бозори минтақавии озуқаворӣ; таҳқиқи намудани механизмҳои иқтисодии ташаккули фаъолияти бозори минтақавии озуқаворӣ; таҳлили ҳолати муосири бозори озуқаворӣ; арзёбӣ намудани дараҷаи истеъмол ва талабот дар бозори озуқаворӣ; муайян кардани хусусиятҳои ташаккули зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ дар шароити иқтисоди инноватсионӣ ва таҳияи самтҳои стратегӣ тибқи амсилаи рушди нишондиҳандаи бозори озуқавории минтақа то соли 2030.

Дар натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузошташуда муаллиф ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назарӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот, ки фарогири унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд пешниҳод менамояд:

- аҳаммияти рушди бозори минтақавии озуқаворӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити муосир;

- омилҳо ва шароитҳое, ки ба ташаккул ва рушди бозори озуқаворӣ, инчунин тақозои аҳолӣ ва арзаи маҳсулот таъсир мерасонанд;

- тамоилҳо ва хусусиятҳои хоси истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти ватанӣ дар замони кунунӣ;

- арзёбии дараҷаи истеъмол ва талабот дар бозори озуқаворӣ вобаста ба ҳаҷми истеҳсол, истеъмол ва воридот вобаста ба намудҳои асосии маводи озуқаворӣ;

- пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба хусусиятҳои ташаккули зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ дар шароити иқтисоди инноватсионӣ;

- асосноккунии самтҳои асосии стратегӣ тибқи амсилаи рушди нишондиҳандаи бозори озуқаворӣи минтақа то соли 2030, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва таъмини дастрасии иқтисодию ҷисмонии озуқаворӣи вилояти Хатлон зарур шуморида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки Зарифзода З.К. ҳангоми навистани рисолаи илмӣ, худро ҳамчун таҳқиқотчии хуб нишон дода, дар доираи вазифаҳои гузоштаашуда кори назарраси илмӣ ба тавсиб расонид.

Ӯ кушишу ғайрат ва малакаи таҳқиқӣ дошта, дар рафти иҷрои кори илмӣ аз усулҳои замонавии тадқиқот истифода менамуд. Ин имкон дод, ки ба баъзе аз равандҳои баҳсноки мавзуи тадқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушанӣ андохта шавад. Зарифзода З.К. иқтидори боз ҳам зиёдтари тадқиқотӣ дошта, ба фикри мо, аз уҳдаи зери назари илмӣ қарор додани проблемаҳои гуногуни соҳаи кишоварзии минтақаи тадқиқшаванда баромада метавонад.

Ҳамин тавр, рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ташаккули бозори минтақавии озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гаштааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

Роҳбарони илмӣ, академик Пиризода Ҷ.С.

Имзои академик Ҷ. Пиризодаро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои институт Икромова М.Қ

05.01.24